# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзӯи “Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.07 – психологияи педагогӣ**

Рисолаи мазкур ба мавзӯи мубрами рӯз — роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳқиқот ба шароити мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ, равонӣ ва таълимии ҷавонони оиладор ва зарурати дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо аз ҷониби муҳити таълимӣ равона гардидааст. Дар кори илмӣ масоили омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ, муоширати оилавӣ, мушкилоти равонӣ-педагогӣ ва самтҳои нави ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо донишҷӯёни оиладор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф муҳим ва ҳамзамон саривақтӣ будани самти дастгирии равонӣ-педагогии оилаи донишҷӯёнро дар замони муосир қайд намуда, тавассути озмоиши амалӣ самаранокии онро собит намудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳкими заминаи илмии муносибатҳои оилавии донишҷӯён ва нақши он дар муваффақияти таълимӣ ифода меёбад, дар ҳоле ки аҳамияти амалӣ дар пешниҳоди тавсияҳои мушаххас барои истифода дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар сохторҳои марбута зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи амалии ташкили хадамоти роҳнамоии психологӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хидмат кунанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ бо роҳи озмоишҳои амалӣ ва таҳлилҳои назариявӣ асоснок шудаанд.

Нововарии илмии рисола дар таҳияи назариявии роҳнамоии психологӣ-педагогӣ, таҳияи амсилаи ташкилии дастгирӣ, ва дарёфти шаклҳо ва технологияҳои муассири кор бо оилаҳои донишҷӯён зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқоти таҳиягардида метавонад барои ташкили хадамотҳои психологӣ дар самти уствории оилавии донишҷӯён дар донишгоҳҳо мусоидат намояд. Барномаҳо ва тавсияҳои методӣ, ки дар асоси таҳқиқот таҳия шудаанд, барои мураббиён, машваратчиён, равоншиносон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳамчун роҳнамо истифода шуда метавонанд.

Рисолаи илми аз муқаддима, 2 боб, 7 зербоб, 17 диаграмма, 3 ҷадвал, хулоса, рӯйхати дабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Доир ба мавзуи диссертатсионӣ муалиф 17 номгӯи мақолаҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмиллаливу ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст.

Бо вуҷуди бартариҳои мавҷудбуда дар афтореферати дисссертатсия баъзеи камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ба инбат гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар кор хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида карда мешавад.

2. Дар таҳқиқот бештар ба масъалаҳои равонию таълимӣ диққат дода шуд, вале баъзе масъалаҳои муҳими зиндагии шахсӣ, иқтисодӣ ё муҳити оилавии донишҷӯён ба таври кофӣ таҳлил нашуданд.

Дар асоси дале+лҳои мазкур, сохтори автореферати диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзӯи "Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тоҷикистон" аз рӯи ихтисоси 19.00.07 – психологияи педагогӣ, ба талаботи дарёфти дараҷаи илмӣ тибқи "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ҷавобгу буда, муалифи он сазовори  он сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси психологияи педагогӣ мебошад.

**Тақриздиханда:** ассистенти кафедраи
забонҳо бо курси иттилооти
комютерии ДТБКСТҶТ,
доктор PhD аз рӯйи ихтисоси психология, Шаҳнозаи С.Т.

**Суроға:** 734026 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони И. Сомони, 59
Тел: (372) 212546
E-mail: https: //ipovszrt.tj

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

Имзои Шаҳнозаи Саъдӣ Табариро
тасдиқ мекунам,
сардори ШК „ДТБКСТҶТ" Хафизова Ф.А.

**Суроға:** 734026 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони И. Сомони, 59
Тел: (372) 212546
E-mail: https: //ipovszrt.tj

16 07. 2025